НИЗОМНОМАИ

НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

Мундариҷа

Аҳдофи НИТ ----------

Аъзо (Салоҳиятҳо ва вазифаҳо)----------

Сохтори НИТ----------

Раёсати Олӣ----------

Раиси НИТ ----------

Муовинҳои раис----------

Шӯрои назоратӣ ----------

Шӯрои иҷроия----------

Маркази таҳқиқотӣ----------

НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

Низомномаи мазкур санади асосии дохилии Наҳзати Исломии Тоҷикистон буда, мақсадҳо, арзишҳо, сохтор, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзо, инчунин тартиби фаъолияти ниҳодҳои ҳаракатро муайян менамояд.

Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳаракати иҷтимоӣ, фарҳангӣ, фикрӣ ва маърифатӣ буда, фаъолияти худро бар пояи арзишҳои исломӣ ва манфиатҳои миллӣ ба роҳ мемонад.

Бекор кардан ё тағйирот дар Низомнома аз тарафи Раёсати Олии НИТ сурат мегирад.

1. Аҳдофи асосии НИТ дар даврони ҳиҷрат

1.1 Ҳифз ва рушди арзишҳои исломӣ ва миллӣ.
1.2 Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.
1.3 Таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳамзистии осоишта ва эҳтироми гуногунандешӣ.
1.4 Мусоидат ба рушди илм, маърифат ва тафаккури созанда дар ҷомеа.

2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои НИТ

2. 1 Узви НИТ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад:

- Ба НИТ ихтиёран шомил шавад ва ё узвияти худро қатъ намояд;
- Андеша, пешниҳод ва интиқодҳои худро нисбати фаолият ба ниҳодҳои дахлдори НИТ пешниҳод намояд;
- Низомнома, барнома ва қарорҳои НИТ-ро риоя намояд;
- Арзишҳои исломӣ, миллӣ, ахлоқӣ ва инсониро эҳтиром кунад;
- Ба ҳуқуқ, озодӣ, эътиқод ва шаъну шарафи дигарон эҳтиром гузорад;
- Дар доираи имкониятҳои худ барои татбиқи ҳадафҳо ва барномаҳои НИТ саҳм гузорад;
- Аз амалҳое, ки ба обрӯ ва манфиатҳои НИТ зарар мерасонанд, худдорӣ намояд;
- Саҳми узвиятро мутобиқи тартиби муқарраргардида пардохт намояд.

2.2. Узви НИТ огоҳонида ва ё аз узвият хориҷ карда мешавад, агар:

- Бо хоҳиши худ узвияташро қатъ намояд;
- Бар зидди ҳадафҳо ва манфиатҳои НИТ фаъолият барад;
- Бо гурӯҳҳои ифротгаро ҳамкорӣ намояд;

- Ӯҳдадориҳои асосии узвиятро бе сабабҳои узрнок иҷро накунад;
- Дар ҳоли вайрон кардани муқаррароти НИТ огоҳонида мешавад ва дар сурати такрор аз узвият хориҷ карда мешавад.

3. Раёсати Олии НИТ

3.1. Раёсати Олӣ мақоми олии роҳбарикунандаи НИТ буда, самтҳои асосии фаъолият ва стратегияи ҳаракатро муайян менамояд.

3. 2. Салоҳият ва уҳдадориҳои Раёсати Олии НИТ

- роҳбари НИТ-ро пешниҳод ва интихоб менамояд;
- ҳайати шурои назоратиро интихоб мекунад;
- низомнома ва барномаи НИТ- ро қабул ва тағйиру иловаҳо ба он ворид менамояд;
- Рамз, парчам, гимн, шиор ва варақаи расмии НИТ-ро тасдиқ мекунад;
- Пешниҳод дар хусуси истеъфои Раисро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- Пешниҳод дар хусуси ҳайати Шӯрои назоратиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- Пешниҳод дар хусуси қабул ва берун кардани аъзои Раёсати олиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;
- Ҷаласаи Раёсати Олӣ кварталӣ (ҳар се моҳ) ба таври расмӣ баргузор мешавад ва дар сурати зарурат, бо дархости роҳбарият даъват мешавад;
- Қарор дар бораи ҳузурӣ ё онлайнӣ баргузор гаштани ҳар як ҷаласаи Раёсати Олӣ бо раъйи аксарияти аъзои Раёсат қабул мегардад;
- Назар ва пешниҳоди аъзои бо сабабҳои узрнок ҳузурнадошта аз тариқи котибот ба ҷаласаи РО расонида мешавад;

- Натиҷа ва қарорҳои қабулгашта дар ҷаласаҳои ҳузурӣ ба таври иҷмолӣ ба аъзои бо сабабҳои узрнок ҳузурнадоштаи Раёсати Олӣ расонида мешавад;
- Ҷаласаи Раёсати Олӣ дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баргузор мегардад ва бо тарафдории аксарияти аъзои иштироккунанда қарор қабул мекунад;
- Аъзои Раёсати Олӣ дар сурати ду маротиба бидуни узр пайи ҳам ширкат накардан дар ҷаласаҳои Раёсати Олӣ огоҳонида мешавад ва дар сурати такрор шудан метавонад аз узвият хориҷ гардад;
- Аъзои Раёсати Олӣ вазифадор аст аз қарорҳои қабулкардаи Раёсати Олӣ, Низомнома ва барномаро дар дохил ва хориҷ пуштибонӣ кунад.

3.4. Раёсати Олии Наҳзати Исломии Тоҷикистон ваколат дорад:

- сохторҳо ва ниҳодҳои заруриро таъсис ва барҳам диҳад;
- арзу шикоятҳои аъзо, зинаҳои поёниро қабул намуда, барои баррасӣ ба Шӯрои назорат бифиристад ё комиссияи махсус таъсис диҳад;
- дар таъсис ва ташкили кори намояндагиҳо дар кишварҳои мизбон ёрӣ расонад;
- Бо пешниҳоди аз се як ҳиссаи аъзои РО истеъфои Роҳбар, муовини раис, ҳайати Шӯрои назоратиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад;
- Дар бораи таъсиси эътилоф, пайвастан ба эътилофе ё баромадан аз он тасмим мегирад.

3. 5. Интихоб ва истеъфои аъзои Раёсати Олӣ

Узви Раёсати Олӣ бо пешниҳоди Роҳбар ва ё аз се як ҳиссаи аъзои Раёсати Олӣ бо ҷонибдории аксарияти аъзои Раёсати Олӣ интихоб ё ба истеъфо фиристода мешавад.

4. Роҳбари НИТ

4. 1. Роҳбари НИТ барои як давраи 4-сола аз миёни аъзои РО интихоб карда мешавад.

4. 2. Салоҳиятҳои Роҳбари НИТ

- роҳбарии умумии ҳаракатро ба ӯҳда дорад;
- НИТ-ро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад;
- масъулони иҷроия, аз ҷумла сухангӯ, масъули молӣ, роҳбарони департаментҳо ва намояндагиҳоро таъйин ва аз вазифа озод мекунад;
- ҷаласаи Раёсати Олиро даъват мекунад ва онро роҳбарӣ мекунад;
- аз фаъолиятҳо дар Раёсати Олӣ солона ҳисобот медиҳад.

5. Муовинони роҳбари НИТ

5. 1. Шумораи муовинҳо бо назардошти самтҳои фаолият бо пешниҳоди роҳбари НИТ ва ризояти Раёсати Олӣ муайян мешавад.

5. 2. Муовинҳо бо пешниҳоди роҳбари НИТ аз тарафи аъзои Раёсати Олӣ интихоб мешаванд.

5. 3. Салоҳияти муовинҳои роҳбари НИТ

- Салоҳият ва масъулиятҳоро байни муовинҳо роҳбари ҳаракат тақсим мекунад;
- Дар сурати ғайри қобили амал шудани раиси ҳизб, вазифаи ӯро бо қарори Раёсати Олӣ муовини аввали раис ё яке аз муовинҳо ба уҳда мегирад.

6. Шурои назоратии НИТ

6.1. Аъзои Шурои назоратии НИТ дар ҳайати то панҷ нафар дар ҷаласаи Раёсати Олӣ барои чаҳор сол бо пешниҳоди Роҳбари НИТ интихоб карда мешавад

6. 2. Салоҳиятҳои шурои назоратии НИТ

- Раиси Шурои назоратиро аз миёни аъзои шуро интихоб мекунад.
- Иҷрои Аҳдофи асосии НИТ-ро назорат карда, татбиқи онҳоро пайгирӣ менамояд;
- Талаботи Низомнома ва барномаҳои кории ҳаракатро дар фаъолияти ҳамаи зинаҳо: роҳбари ҳаракат, муовинҳо, аъзои Раёсати Олӣ, намояндагиҳо ва департаментҳои НИТ тафтиш ва назорат мекунад;
- Арзу шикоятҳои аъзои НИТ, масъулин ва ниҳодҳои ҳаракатро тафтиш ва баррасӣ мекунад;
- Натиҷаи баррасиро ба тарафи муроҷиаткунанда ва мақомоти марбутаи НИТ пешниҳод мекунад;
- Метавонад баъди баррасӣ тарафро огоҳӣ диҳад ё баъди такрор аз ҳаракат хориҷ кунад;
- дар ҷаласаи солонаи гузоришии Раёсати Олии НИТ ҳисобот медиҳад.

6. 3. Ҳеҷ ниҳоди иҷроӣ, аз ҷумла Роҳбар ва муовинҳо ҳаккӣ дахолат дар умури Шӯрои назоратиро надоранд.

6.4. Дастурамали Шӯрои назоратиро роҳбари ҳаракат тасдиқ мекунад.

7. Шӯрои иҷроия

7.1. Шурои иҷроия ниҳоди иҷроӣ буда, аъзои он аз тарафи Роҳбари НИТ бо мувофиқати Раёсати Олӣ таъйин мешаванд.

7. 2. Шӯрои иҷроия тавассути муовини аввал мудирият мешавад ва ба роҳбари НИТ гузоришдиҳанда мебошад.

7.3. Салоҳиятҳои Шӯрои иҷроия:

- қарорҳои Раёсати Олӣ, дастуроти Роҳбар, талаботи Низомнома ва барномаи ҳаракатро амалӣ мекунад;
- Сохтор, вазифаҳо ва салоҳиятҳои ниҳодҳои иҷроии ҳаракат, аз ҷумла сухангӯ, масъули молӣ, масъули фарҳанг ва иршод ва намояндагиҳоро муайян ва тасдиқ мекунад;

- Дастурамал ва тартиби фаъолияти ниҳодҳои иҷроии ҳаракатро тасдиқ мекунад.

8. Маркази таҳлилии НИТ

8. 1. Мудирияти маркази таҳлилӣ ба уҳдаи яке аз муовинҳо мебошад.

8. 2. Салоҳиятҳои Маркази таҳлилии НИТ:
- Таҳлили вазъияти дохилӣ, вазъияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти ҳаракат;
- Гузориши таҳлилии моҳона аз вазъияти кишвар ва минтақа: воқеъият, мушкилот ва роҳҳалҳо;
- Гузориш аз хатарот ва чолишҳои эҳтимолӣ дар мавриди ҳаракат;
- Таҳияи барномаҳои стратегӣ;
- Баргузории нишастҳои таҳлилӣ, мизи гирдҳо, ҷалби мутахассисон барои таҳлил ва ғайра.